## ТАҚРИЗИ МУШОВИРИ ИЛМӢ

**доктори илмҳои филологӣ, профессор, академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Имомзода Муҳаммадюсуф Сайдалӣ ба диссертатсияи Ҳамидиён Илҳомҷон Иномзода дар мавзуи «Воситаҳои ахбори оммаи корпоративии Тоҷикистон: масъалаҳои пайдоиш, ҳолати имрӯза ва дурнамо» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ**

Ҳамидиён Илҳомҷон Иномзода номзади илмҳои филологӣ, дотсент ва рӯзноманигор буда, дастпарвари факултаи журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (ДМТ) аст. Номбурда соли 2008 донишгоҳро бо дипломи аъло хатм намуда, диссертатсияи номзадии худро соли 2010 дар синни 23-солагӣ ҳимоя кардааст. Солҳои 2010-2012 – ходими калони илмии Маркази илмӣ-таҳқиқотии тоҷикон ва форсизабонони ҷаҳони ДМТ буд. Солҳои 2013-2015 дар асоси ҷамъиятӣ ба ҳайси раиси Шурои олимон ва муҳаққиқони ҷавони ДМТ фаъолият кардааст.

Минбаъд ба фаъолияти ҳизбӣ гузашта, солҳои 2017-2020 – мудири шуъбаи кор бо ҷавонон ва занони Дастгоҳи Дастгоҳи Кумитаи Иҷроияи Марказии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон (ҲХДТ), муовини якуми раиси Ташкилоти ҷамъиятии ҷавонон «Созандагони Ватан», 2020-2021 – мудири шуъбаи таблиғот ва ташвиқоти Дастгоҳи КИМ ҲХДТ ва солҳои 2021-2022 – Роҳбари Маркази матбуот ва таҳлилии Дастгоҳи КИМ ҲХДТ.

Таҷриба ва кори ӯ дар самти аттестатсияи кормандони илмӣ ва илмию техникии тахассуси олӣ дар Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба садҳо нафар довталабони дараҷаҳо ва унвонҳои илмӣ роҳнамоӣ кардааст.

Аз соли 2013 дотсенти кафедраи телевизион ва радиошунавонии ДМТ.

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба номи мавзуъ ва ихтисосе, ки тибқи он таҳқиқот анҷом дода шудааст.**

Кори диссертатсионии ӯ ба таҳқиқи вижагиҳои масъалаҳои пайдоиш, ҳолати имрӯза ва дурнамои воситаҳои ахбори оммаи корпоративии Тоҷикистон бахшида мешавад. Масъалаи мазкур яке аз мавзуъҳои мубрам, муосир ва то имрӯз пажуҳишнашудаи журналистикаи тоҷик маҳсуб меёбад.

Бояд иброз намуд, ки ВАО-и корпоративӣ воситаи тавонои таъсиррасонӣ ба аудиторияҳои гуногун буда, кормандони ташкилотро муттаҳид месозад ва ҷиҳати зудтар паҳн кардани иттилооти дохилӣ мусоидат менамояд.

Омӯзиши илмии ин раванд ва пешниҳоди хулосаҳои зарурӣ барои беҳгардонии фаъолият заминаи муосоид фароҳам менамоянд.

Ба таъкиди муҳаққиқ, вақте дар хусуси ВАО-и корпоративӣ сухан меронем, омӯзиши таҷрибаи шуравӣ зарурат дорад. Матбуот дар он вақт таблиғотчӣ, ташвиқотчӣ ва ташкилотчии коллективӣ буд. Кормандони қаторӣ вазифадор буданд, ки на танҳо «Тоҷикистони советӣ», балки нашрияи худро аз гӯшаҳои махсус мутолиа кунанд. Газетаи корхона ба меҳнаткашон наздиктар буд: дар он на танҳо оид ба ғалабаҳои меҳнатӣ, балки дар бораи воқеаҳои ҷамъиятӣ: манзили нав, ба истифода додани боғчаҳои бачагона, хонаҳои истироҳатӣ, бемористонҳо ва ғайра низ хабар нашр мегардид. Дар ин нашрияҳо маводи адабии кормандони корхона низ чоп карда мешуданд. Вазифаи асосии онҳо аз он иборат буд, ки дар коллектив руҳбаландии умумии меҳнатӣ ва эҳсоси ҷамъиятиро ба вуҷуд оваранд.

Афзоиши босуръати нашр ва паҳни ВАО-и корпоративиро метавон ба амалисозии самараноки маркетинги корпоративӣ рабт дод.

Имрӯз бозори ВАО-и корпоративӣ ба қадри кофӣ рушд кардааст ва имкон медиҳад, ки хулосаҳои умумӣ дар бораи моҳият, шароит ва шаклҳои рушди онҳо натиҷагирӣ карда шавад.

Ҳамин тариқ, диссертатсия дар мавзуи «Васоити ахбори оммаи корпоративии Тоҷикистон: масъалаҳои пайдоиш, ҳолати имрӯза ва дурнамо» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ бо шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ пурра мувофиқат менамояд.

**Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ.**

Ҳамидиён И.И. муҳаққиқи нуктасанҷ буда, вазифа мегузорад, ки мавқеи ВАО-и корпоративиро дар низоми муосири васоити ахбори оммаи Тоҷикистон муайян намуда, нақши махсуси ВАО-и корпоративӣ дар ташаккули муколама ва муносибатҳои эътимодбахш, ки ба марҳилаи кунунии рушди ҷомеа мувофиқат мекунанд ва ба самаранокии муоширати дохилӣ таъсири хос доранд, таҳқиқ намояд. Ӯ аз уҳдаи ин кор баромадааст.

Аз таҳлил ва таҳқиқи адабиёти мутолиагардида ва таҳқиқоти анҷомдодаи Ҳамидиён Илҳомҷон Иномзода метавон ба чунин натиҷа расид, ки бори аввал ВАО-и корпоративии Тоҷикистон ҳамчун яке аз навъҳои журналистика мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор мегиранд.

Диссертант дар таҳқиқи мазкур навгониҳои мушаххасро дар раванди пажуҳиш пайгирӣ намуда, баррасии муназзам ва пай дар пайи мавзуъро дақиқ кардааст.

Дар ҷараёни таълифи диссертатсия Ҳамидиён И.И. барои ҳалли вазифаҳои дар пеш гузошта, татбиқи амалии натиҷаҳои пажуҳиш, исботи

муҳиммияти мавзуъ, аҳамияти назариявӣ ва амалии он, баррасии объект ва предмети таҳқиқ масъулияти баланд нишон дод.

Аҳаммият ва арзиши илмию назарии таҳқиқи мазкур дар он ифода меёбад, ки натиҷаҳои илмии бадастомада метавонанд барои рушди журналистикаи корпоративӣ дар Тоҷикистон такони иловагӣ бахшанд. Тавсияҳои диссертатсия дар асоси инкишофи муносибатҳои иқтисоди бозорӣ бунёд гардида, ба баланд бардоштани самаранокии кори ВАО-и корпоративӣ мусоидат мекунанд. Маводи таҳқиқ метавонад барои омӯзонидани хусусиятҳои ВАО-и корпоративӣ дар донишгоҳҳо ва баланд бардоштани ихтисоси кормандони ин соҳа истифода шавад. Аҳаммияти амалии таҳқиқ дар он зоҳир мегардад, ки диссертатсия барои васеъ намудани доираи иттилоот дар бораи ВАО-и корпоративии Тоҷикистон ҳамчун як намуди ВАО заминаҳои заруриро фароҳам меорад.

Истифодаи маводи таҳқиқ ба ширкатҳо имкон медиҳад, ки ҳадафҳои нашр ва паҳн намудани ВАО-и корпоративии худро дубора таҷдид намоянд ва самаранокии кори онҳоро беҳтар созанд.

Масъалаҳо ва консепсияҳои илмии дар диссертатсия барои дифоъ пешниҳодшаванда аз нигоҳи илмӣ муҳим ва арзишманд мебошанд.

Ҳангоми таълиф Ҳамидиён И.И. ба адабиёти навтарини соҳавӣ такя карда, аз ҳамаи диссертатсияҳои докторони илми Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси рӯзноманигорӣ иқтибос овардааст. Қобили зикр аст, ки ба ҳайси адабиёти диссертатсия на танҳо асарҳои олимони ватанию хориҷӣ аз соҳаи журналистика, балки осори иқтисодшиносон, маркетологҳо, менеҷерон ва мутахассисони робита бо ҷомеа васеъ истифода гардидааст.

Асолати диссертатсия беш аз 83,38%-ро ташкил медиҳад, ки талаботи муқарраршудаи банди 37 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267)-ро қонеъ мегардонад.

Яке аз махсусиятҳои диссертатсия дар он зоҳир мегардад, ки муаллиф тавонистааст оид ба ҳамаи нуктаҳо ва маълумоти пешниҳодкардааш баҳси илмӣ ба вуҷуд орад, онҳоро зери суол ва шубҳа кашад, мавқеъ ва нигоҳи муаллифиро дар ин замина ба миён орад. Далелҳои истифодашуда эътимодбахшанд. Ҳангоми таҳлил муносибат ба мавзуъ дуруст ва касбӣ буда, аз маҷрои зарурӣ берун нашудааст.

Аз лиҳози тартиб кори диссертатсионӣ ба талаботи муқарраршуда мувофиқат мекунад.

Диссертатсия аз муқаддима, чаҳор боб, дувоздаҳ фасл, хулоса ва феҳристи адабиёт иборат аст. Матни диссертатсия дар 381 саҳифа ҷой шуда, рӯйхати адабиёт 700 номгӯйро фаро мегирад.

Дар муқаддимаи диссертатсия аҳаммияти мавзуъ, дараҷаи таҳқиқ, робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, объект ва предмет, асосҳои назарию методологӣ, навгонии илмии диссертатсия, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назарию амалӣ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо, мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот аз рӯйи мавзӯи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия қайд гардидааст.

Боби якум – «Пайдоиш ва таҳаввули ВАО-и корпоративӣ дар Тоҷикистон» аз се фасл иборат аст. Фасли якуми боби якум «Заминаҳои пайдоиш ва мавқеи матбуоти соҳавӣ дар низоми ВАО-и корпоративӣ» ном дорад. Дар фасли дуюми боби якум «Омилҳои типологии ташаккули матбуоти корпоративӣ» таҳқиқ мегардад. Дар фасли сеюми боби якум «Марҳилаҳои рушди ВАО-и корпоративӣ ва шаклгирии равандҳои демократӣ дар онҳо» баррасӣ гардидааст.

Боби дуюми диссертатсия – «Таҷрибаи интишори ВАО-и корпоративӣ дар Тоҷикистон» ном дошта, фасли аввали он «ВАО-и корпоративӣ ҳамчун низоми фаъолият» аст. Фасли дуюми боби дуюм ба баррасии мавзуи «Реклама ва матнҳои PR дар ВАО-и корпоративии Тоҷикистон» марбут мебошад. Дар фасли сеюми боби дуюм масъалаи «Ташаккули фарҳанг ва этикаи ВАО-и корпоративӣ» ба риштаи таҳқиқ кашида шуд.

Боби сеюми диссертатсия «Мавзуъ ва жанрҳои маводи ВАО-и корпоративӣ» унвон гирифта, дар фасли якуми он – «Навъҳои жанрҳои ВАО-и корпоративӣ» таҳқиқ гардидааст. Дар фасли дуюми боби сеюм «Нақши ВАО-и корпоративӣ дар иҷтимоикунонии тиҷорат» таҳлилу баррасӣ шуда, фасли сеюми боби сеюм ба таҳқиқи масъалаи «Сомонаҳои корпоративӣ – воситаи муассири менеҷмент ва маркетинг» иртибот дорад.

Боби чаҳоруми диссертатсия «Мавқеъ ва дурнамои воситаҳои корпоративии муосир дар фазои иттилоотии Тоҷикистон» ном дошта, дар зербоби якуми он масъалаи «Вазифаҳои асосии радио ва телевизиони корпоративӣ» таҳқиқ мешаванд. Дар фасли дуюми боби чаҳорум «Маҷаллаҳои бортӣ ҳамчун навъи ВАО-и корпоративӣ» ва дар фасли сеюми боби ҷаҳорум баррасии мавзуи «Нақши сомонаҳо дар фазои ВАО-и корпоративӣ» сурат гирифтааст.

Дар хулосаи диссертатсия натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомёфта ба таври мухтасар нисбат ба ҳар боб дар алоҳидагӣ зикр гардида, баъзе тавсия ва пешниҳодҳои муаллифӣ манзур гардидаанд. Хулосаҳою тавсияҳои Ҳамидиён Илҳомҷон Иномзода касбӣ буда, баёнгари мундариҷаи диссертатсия ҳастанд ва бо маводи зиёди назариявию амалӣ ва далел асоснок гардидаанд.

**Теъдод ва мувофиқати интишороти натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ба талаботи мавҷуда.**

Мавзуъ, муқаррарот, хулоса, пешниҳод ва тавсияҳои илмӣ-амалии диссертатсия дар 4 монография, 36 мақолаи чопии довталаби дараҷаи илмӣ дар маҷмуаҳо ва дигар васоити илмию таълимӣ, аз ҷумла 17 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфтаанд.

Автореферат ва мақолаҳои чопнамудаи муаллиф ба дараҷаи зарурӣ мундариҷаи диссертатсияро инъикос мекунанд.

Зимни таҳқиқи масъала 215 китоби илмӣ, 90 диссертатсия ва беш аз 250 мақолаи илмӣ ҳамчун сарчашмаи таҳқиқ истифода гардидаанд.

Муаллифи диссертатсия тӯли солҳои гуногун дар ВАО-и корпоративӣ фаъолият намуда, дар мавзуи «Мавқеи матбуоти корпоративӣ дар журналистикаи муосири тоҷик» диссертатсияи номзадӣ ҳимоя кардааст. Баррасӣ ва собитсозии асосҳои назариявӣ ва амалии мавзуъ аз ҷониби муаллифи диссертатсия 15 сол идома ёфта, масъала ҳам аз лиҳози илмӣ ва ҳам амалӣ ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст. Ҷойи таъкид аст, ки Ҳамидиён И.И. олими сермаҳсули соҳа буда, мақолаҳои илмии худро берун аз ҳудуди Тоҷикистон, аз ҷумла дар маҷаллаҳои илмии Ӯзбекистон, Белорусия, Федератсияи Россия, Канада, ИМА ва дигар кишварҳо нашр намудааст.

Мундариҷа ва қисматҳои асосии диссертатсия дар конфронсҳои илмию амалӣ ва назариявии байналмилалӣ, минтақавӣ ва ҷумҳуриявӣ дар шакли маърӯза баён шудаанд. Номбурда иштирокчии симпозиуму конференсияҳои илмии байналмилалӣ дар шаҳрҳои Пекин, Урумчи (Ҷумҳурии Мардумии Чин), Санкт-Петербург, Горно-Алтайск, Чебоксари, Владимир, Иннополис (Федератсияи Россия), Бишкек, Чолпон-Ата (Қирғизистон), Тошканд, Самарқанд (Ӯзбекистон) ва ғайра мебошад.

Ҳамидиён И.И. дар маҷмуъ, муаллиф, муҳаррири масъул ва муратгиби 14 китоб (аз ҷумла 6 монография), беш аз 90 мақолаи илмӣ, зиёда аз 300 мақолаи публитсистӣ ва 25 барномаи телевизионӣ мебошад.

Саҳми ӯ дар тарбияи кадрҳои шоистаи илмии соҳаи рӯзноманигорӣ назаррас буда, то имрӯз таҳти роҳбариаш 5 нафар аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ диссертатсияи номзадӣ ҳимоя намуданд.

Шогирдони дигараш низ дар арафаи анҷом додани таҳқиқоти диссертатсионии худ ҳастанд.

Метавон гуфт, ки Ҳамидиён И.И., новобаста ба синну соли ҷавони худ, аллакай мактаби илмии хешро дар самти васоити электронии ахбори омма ба вуҷуд овардааст.

Ҳамидиён Илҳомҷон Иномзода барандаи ҷоизаи давлатӣ ба номи Исмоили Сомонӣ барои олимони ҷавон дар соҳаи илм ва техника буда, бо Ифтихорномаи Раиси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ва даҳҳо мукофотҳои дигари соҳавӣ қадршиносӣ гардидааст.

Бо назардошти сифатҳои зикршудаи шахсии муаллиф, қобилияту маҳорат ва омодагии ӯ ба корҳои илмию таҳқиқотии мустақил ҳамчун мушовири илмӣ чунин меҳисобам, ки диссертатсияи Ҳамидиён Илҳомҷон Иномзода дар мавзуи «Воситаҳои ахбори оммаи иттиҳодиявии Тоҷикистон: масъалаҳои пайдоиш, ҳолати имрӯза ва дурнамо» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ таҳқиқоти анҷомёфтаи илмӣ буда, ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои диссертатсияҳои докторӣ ва талаботи бандҳои 32-35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) ҷавобгӯ аст ва онро барои баррасӣ дар зинаҳои баъдӣ ва ҳимоя тавсия менамоям.

**МУШОВИРИ ИЛМӢ:**
**доктори илми филология,**
**профессор, академики Академияи**
**миллии илмҳои Тоҷикистон** **Имомзода М.С.**
*05.06.2024 с.*

*Имзои Имомзода М.С.-ро тасдиқ мекунам.*
**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои**
**махсуси Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** **Тавқиев Э. Ш.**

**Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17
Тамос: (+992 37) 2217711, +992 935806444.